## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Тадқиқоти диссертатсионии Одиназода У.С. ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шуда, дар шароити густариши муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди муҳоҷирати меҳнатии трансмиллӣ, зиёд гардидани никоҳҳои омехта ва шартномаҳои иқтисодии хориҷӣ масъалаи муайян намудани мақоми ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, ки бо унсури хориҷӣ алоқаманд мебошанд, аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо маҷмӯи омилҳои назариявӣ ва амалии ба ҳам вобаста муайян карда мешавад. Нахуст, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун арзиши олӣ ва самти стратегии сиёсати ҳуқуқии давлат муайян намуда, зарурати такмили механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ доштаро пешбинӣ менамояд.

Илова бар ин, татбиқи пайвастаи сиёсати «дарҳои кушод» ва сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат — Эмомалӣ Раҳмон боиси густариши робитаҳои байналмилалӣ, рушди муҳоҷирати меҳнатӣ, зиёдшавии никоҳҳои омехта ва афзоиши муносибатҳои хусусии ҳуқуқии трансмиллӣ гардидааст.

Гарчанде ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои алоҳидаи коллизиониро дар Кодекси маданӣ, оилавӣ ва мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад, масъалаи мақоми ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои хусусии ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ мураккабшуда то ҳол мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Ин ҳолат аҳаммияти назариявӣ ва зарурати амалии таҳқиқоти мазкурро боз ҳам бештар тақвият мебахшад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои муосири рушди илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамоҳанг буда, ба ниёзҳои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мутобиқат менамояд. Коркарди илмии он барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои хусусии ҳуқуқии дорои унсури хориҷӣ ва амиқ гардонидани таҳлили доктриналии механизмҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дорад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои як қатор афзалиятҳои назаррас мебошад.

Нахуст, хусусияти комплексӣ ва байнисоҳавӣ доштани таҳқиқот қобили таваҷҷуҳи махсус мебошад. Диссертант масъалаи мақоми ҳуқуқии шахсони воқеиро дар доираи муносибатҳои асосии хусусии ҳуқуқӣ — муносибатҳои

маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии гражданӣ — мавриди таҳлил қарор додааст, ки чунин равиш ба таъмини таҳқиқоти низомнок мусоидат намуда, онро аз таҳқиқоти қаблии ба масъалаҳои наздик бахшидашуда фарққунанда мегардонад.

Асоснокии назариявӣ ва навгонии илмии муқарраротти пешниҳодгардида низ сазовори баҳои баланд мебошанд. Хусусан, мавқеи муаллиф оид ба он ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун падидаи нисбатан мустақили ҳуқуқӣ бо табиати байнисоҳавӣ ва тамоюли возеҳи байналмилалии хусусӣ баромад менамоянд, ҳамчун натиҷаи мустақили илмӣ арзёбӣ гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дорад.

Ҳамчунин, консепсияи пешниҳодшуда оид ба ҷудонамоии мақоми ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи дохилӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун категорияҳои мустақили ҳуқуқӣ низ сазовори баҳои баланд мебошад.

Ҷиҳати амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда низ сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад. Диссертант як қатор тавсияҳои мушаххасро оид ба такмили қонунгузории амалкунанда пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки Кодекси меҳнати ҶТ бо меъёри махсус доир ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ мукаммал карда шавад, истилоҳоти фасли VIII Кодекси оилаи ҶТ такмил ёбад, меъёрҳои вобаста ба мухторияти ирода дар муносибатҳои оилавӣ мушаххас гарданд ва номи моддаи 177 Кодекси оилаи ҶТ ба мазмуни воқеии ҳуқуқии он мутобиқ карда шавад.

Пешниҳодҳои дар автореферат зикргардида хусусияти мушаххас ва амалишаванда дошта, метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферати ба тақриз пешниҳодгардида, бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, ба мақсад ва вазифаҳои гузоштaшуда пурра мутобиқат менамояд.

Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин нашри нӯҳ мақолаи илмӣ, ки шаштои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ба табъ расидаанд, аз сатҳи баланди омодагии муаллиф ба ҳимоя шаҳодат медиҳанд.

Дар баробари арзёбии мусбати таҳқиқоти анҷомёфта, ба назар мерасад, ки баъзе муқаррарот ва хулосаҳои пешниҳодшуда ниёз ба тавзеҳи иловагӣ ва асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Эроди аввал ин дар сатҳи дахлдор таҳлил нагардидани масъалаи вазъи ҳуқуқии гурезаҳо мебошад. Муаллиф чор категорияи шахсони воқеиро дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ — шаҳрвандони давлат, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезаҳоро — ҷудо менамояд, аммо дар ҷараёни таҳлили минбаъда мақоми ҳуқуқии гурезаҳо амалан мавриди баррасии мустақил қарор намегирад.

Эроди дуюм ба набудани таҳлили амалияи судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад. Муаллиф зикр менамояд, ки заминаи эмпирикии

таҳқиқотро маводи амалияи судӣ ташкил медиҳад, аммо дар автореферат парвандаҳои мушаххаси судие, ки масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии мақоми шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандро фаро гирифта бошанд, амалан оварда нашудаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд ҳамчун кори мустақили илмӣ, ки дорои асоснокии назариявӣ ва аҳаммияти баланди амалӣ мебошад, арзёбӣ карда мешавад.

Мавзуи таҳқиқот мубрам буда вазифа ва мақсадҳои гузошташуда иҷро гардидаанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» дар сатҳи дахлдор таҳия шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Такриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ
ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, ва корҳои
махсусиси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.
07.05.2026

Суроғаи: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Тел.: (+992-37)-231-08-43. E.mail: info@tgfeu.tj